**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Бердиев Шоҳназар Пирназарович ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа. Душанбе, 2020. – 158 саҳ.**

Диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа пешниҳод гардидааст, яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ буда, дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он аст, ки осору афкори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҳанӯз дар давраи шӯравӣ мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта буд. Аз ҷумла, афкори фалсафии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ, ки аз бузургтарин намояндагони фалсафаи асримиёнагии Шарқ ба шумор мераванд, диққати муҳаққиқони тоҷики замони навинро ба худ ҷалб карда аст. Таваҷҷуҳ ба таълимоти фалсафии ин мутафаккирин бесабаб набуд, зеро доиратулмаорифи мероси фалсафии онҳо танҳо фарогири масоили метафизикӣ набуд, балки масоили илмҳои дақиқу табиатшиносии тавассути таҷрибаю озмоиш баррасишаванда ва, инчунин масоили илми ахлокро, ки роҳу воситаҳои амалии камолоти рӯҳӣ ва расидан ба саодатро таълим медиҳад, низ фаро мегирад. Ин ду мутафаккири шӯҳратёр равияи ақлгароӣ ва инсонгароиро пеша карда, ҳам дар илми фалсафа ва ҳам дар илмҳои дақиқ навовариву навгониҳо намудаанд ва аз ин сабаб дар мамолики Ғарби асримиёнагӣ низ шӯҳрат доштанд.

Таҳқиқи муқоисавии таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ дар ҷомеаи муосир аз аҳамият холӣ нест. Тавассути муқоисаи таълимоти ахлоқии ин ду абармарди илм, ки дар замонҳои гуногун ҳаёту фаъолият доштанд, ки фаҳмиши ратсионалии масоили ахлоқиро дар шуури насли муосир ҷой намоем. Шахсияти муосирро зарур аст, ки тавассути

касби илму дониш ва афзалиятҳои ахлоқӣ, ки берун аз хурофот ва дар асоси ақлу хирад ба даст меоянд, дар ҷомеа фаъолият намоянд. Зиёда аз ин, таҳлили муқоисавии андешаҳои ахлоқии ин ду файласуф бараъло нишон медиҳад, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс нишон медиҳад, ки масоили ахлоқӣ, на танҳо дар чаҳорчӯбаи ҷаҳонбинии динӣ, балки дар асоси фикрронии фалсафӣ, ки ба далоили ақлӣ такя мекард, низ баррасӣ мешуданд. Ҳамин хусусияти таълимотҳои ахлоқии мутафаккирони мавриди таҳқиқ, имконият фароҳам меоварад, ки ахлоқро аз хурофот ва таасуботи динию мазҳабӣ озод намуда, моҳияти амалии онро дар ҷомеа муайян намоем.

Рисолаи тақризшаванда нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Вазифаҳо, ҳадафҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст возеҳ, равшан ва мушаххас мебошанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот** рисола аз таҳқиқу таҳлили муқоисавии таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ иборат аст. Муаллиф барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад, ки чунинанд: **таҳлил** намудани осори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ, алалхусус, «Тибби руҳонӣ» ва «Ахлоқи Носирӣ»; **муайян** намудани моҳияти андешаҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ ва баррасии умумияту фарқияти усули куллии фалсафаи ахлоқии онҳо; **муайян** намудани равиши ақлгаройии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ; **таҳлили** меъёрҳои ахлоқӣ дар таълимоти Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ ва баррасии пайвастагии андешаҳои онҳо.

**Навгонии илмӣ** дар рисола пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он масъалаи фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст махсусан нуктаҳои зерин диққат ҷалбкунандаанд:

- бори нахустин таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст;

- дар натиҷаи таҳлили муқоисавии анҷомёфта, муайян шудааст, ки Насириддини Тусӣ системаи ратсионалистии Абӯбакри Розиро дар баррасии масоили ахлоқӣ тақвият додааст;

- таъсири афкори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи ахлоқи ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда шудааст;

- аҳамияти амалии таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ дар рушди фалсафаи ахлоқии муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя бароварда** шудааст, нуктаҳои 1,2 ва 5 нақши калиди мебозанд, зеро дар он муаллиф масъалаҳои муҳимми фалсафаи ахлоқиро ошкор карда аст, ки истифодаи ин таҷрибаҳо дар фалсафаи ахлоқии муосир самарабахш хоҳад буд. Мазмуни ин нуктаҳо чунин масъалаҳоро дар бар мегирад, ки асҳоби ҳаюло, машшоиёни шарқӣ, аҳли тасаввуф, аҳли калом, ахлоқи намояндагони «Ихвон-ус-сафо» ва ғ. -ҳар яке аз ин мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба хазинаи фалсафаи ахлоқи миллати мо донишеро зам намудаанд роҳи вижаи худро барои ба саодату хушбахтӣ ноил шудани фард ва ҷомеа пешкаш кардаанд: яке тавассути маърифат, дигаре тавассути поксозии ниятҳо, сеюм - тавассути тазкияи нафс ва сайру сулуки ботинӣ ва ғайра. Бояд қайд кард, ки хусусан омузиши андешаҳои ахлоқӣ мубрамияти худро дар ҳеч давр гум нахоҳанд кард, зеро онҳо пояи низоми арзишҳои маънавии миллатро ташкил медиҳанд. Таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ, ки бар пояи ақлгароӣ ва инсондӯстӣ асос ёфтаанд, далели онанд, ки инсон қудрат дорад, то нафсу хулқи худро

бишносад ва ба ин васила ба ислоҳу такомулаш бипардозад. Насириддини Тусӣ чун Абӯбакри Розӣ масоили ахлоқро дар асоси далоили ақлӣ таҳлил намудааст ва нуктаҳои асосӣ ва марказии таълимоти ахлоқии Насириддини Тусӣ ба 3 гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: якум, ба ақидаи мутафаккир, ахлоқ амри фитрию модарзодӣ намебошад, зеро он дар зери таъсири тарбия ва муҳит ташаккул меебад; дувум, мутафаккир зикр менамояд, ки ахлоқ таъғйирпазир буда, вобаста ба вазъ ва ҳолати тарбия метавон онро такмил ва ё ислоҳ намуд; севум, мувофиқи андешаи файласуф, инсон дар рафтор, кирдор ва гуфтори худ мустақил буда, шахсан барои он масъулиятро бар дӯш дорад. Аз ин рӯ, метавон таълимоти ахлоқии Насириддини Тусиро чун таълимоти инсонгароёна баҳо дод. Ҳам Абӯбакри Розӣ ва ҳам Насириддини Тусӣ на танҳо сифати неку бади инсонро таҳлил намудаанд, балки роҳи ислоҳи хулқи инсонро нишон додаанд. Аз ин ҷиҳат, ақоиди ахлоқии онҳо то кунун аҳамияти худро гум накардаанд. Файласуфони номбурда дар инкишофи минбаъдаи илми ахлоқ саҳми босазо гузоштаанд ва минбаъд файласуфони зиёде дар пайравии онон асарҳои зиёдеро ба илми ахлоқ бахшидаанд.

Яке аз рукнҳои асосии рисола аз асосҳои назариявӣ-методологии он иборат аст. Муаллиф дар диссертатсия бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои пешбинишуда усулҳои гуногуни таҳқиқотро мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла: усулҳои умумиилмӣ, усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи ахлоқ метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд; таҳлили фалсафи ахлоқӣ, масъалаи афкори фалсафӣ ва педагогии мардуми форсу тоҷик дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи тарбияи ахлоқӣ дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад; ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи фалсафа, этика ва эстетика, назария ва таърихи фарҳанг, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд; маводи

таҳқиқотро инчунин метавон дар мубориза бар зидди афкори гуруххои тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда шудааст;
- сарчашма ва заминаҳои шаклгирии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ошкор ва таҳлил карда шудааст;
- ба таври мушаххас таъсири таълимотҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳамияти он дар раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст;
- афкори тарбияи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд;
- ба таври мушаххас низоми тарбияи ахлоқи дар доираи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панч зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 158 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия “**Тавсифи умумии осори фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ**” номгузорӣ шуда, муаллиф дар он заминахои пайдоиш ва ташаккули фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсиро дар асоси рисолахои "Тибби рӯҳони" ва "Ахлоқи Носирӣ" мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор додааст.

Диссертант дар зербоби якуми боби аввал, **“Осори ахлоқии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ”** – ро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки омӯзиш ва баррасии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ дар доираи методологияи муайян ба роҳ монда шудааст. Яке аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи фалсафаи ахлоқ истифода мешавад, ин усули таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин усул

пайдоиш ва инкишофи фалсафаи ахлоқ, масъалаҳои ахлоқи дар рисолаи "Тибби рӯҳонӣ" сарчашмахои пайдоиши афкори ахлоқӣ, дар самти ташаккули шахсият омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди таълиму тарбияи ахлоқи дар замони муосир гуногун, ба кор бурдааст. Осори ин мутафаккир беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. (с. 17-33)

Зербоби дуюми ин фасл мавзӯи **“Осори ахлоқии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ”** - ро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин зербоб, аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи фалсафаи ахлоқ истифода мешавад, махсусан аз усули таърихӣ ва тахлили фалсафаи ахлоқ истифода бурдааст. Дар доираи ин усул пайдоиш ва инкишофи фалсафаи ахлоқ, масъалаҳои ахлоқи дар рисолаи "Ахлоқи Носирӣ", сарчашмахои пайдоиши афкори ахлоқӣ, дар самти ташаккули шахсият омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди таълиму тарбияи ахлоқӣ дар замони муосир гуногун, ба кор бурдааст. Осори ин мутафаккир беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. (с. 34-54)

Боби дуюми рисола “**Муқоисаи андешаҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ**” номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм – **“Моҳияти фалсафаи ахлоқи Розӣ ва Тӯсӣ”** қайд карда мешавад, ки андешаҳои ахлоқӣ ва инсондӯстӣ, адолат, некӯкорӣ, саховатмандӣ, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, покдоманӣ, некӣ, раҳмдилӣ, г., дар асарҳои устодони барҷаста, мисли Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ва даҳҳо нобиғаҳои бузурги форсу тоҷик саршоранд. Дар ин қисмати рисола муаллиф бо такя ба мохияти фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ карда, инчунин

менависад, ки ба умқи ин масъала ворид шуда, андешаҳои ҷолиби диккати ин мутафаккиронро мавриди барраси қарор дода, тарбияи ахлоқиро дар дарачаи баланди илми пешниход намуда аст, ки дар шароити имрӯза мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтаанд. Чунин мешуморем, ки дар амалияи имрӯза истифода намудани мохияти фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ барои самаранок гардидани раванди таълиму тарбияи ахлоқӣ мусоидат менамояд. (с.54-75)

Зербоби дуюми боби дуюми рисола **“Меъёрҳои ахлоқӣ аз нигоҳи Розӣ ва Тӯсӣ”** ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб меъёрҳои ахлоқиро аз нигохи Абӯбакри Рози ва Насириддини Тӯси барраси намуда бо мақсади тарбияву роҳнамоӣ кардани ҷомеаи муосир пешниход намудааст. Зеро мутафаккирон мувофиқи ақоиди мухакикони муосир соҳиби нафси ақлонӣ буда, аз мардуми авом аз ин ҷиҳат бартарии хосса доранд. Пас вазифаи онон роҳбаладии мардум мебошад. Аз ин рӯ, тамоми файласуфон ба масъалаҳои ахлоқ рӯ меоварданд ва дар натиҷаи заҳмати онҳо шуури ҷомеа такомул меёбад. Дар натиҷа низоми арзишҳое, ки такомули инсон ва ҷомеаро муайян месохт, ба вуҷуд омад. «Сирати фалсафӣ» ва «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакри Розӣ асарҳои сирф ахлоқӣ нестанд, балки дар онҳо ақидаҳои ахлоқии мутафаккир бо ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсии омезиш ёфтаанд. Вале дар маркази диққати ӯ проблемаҳои ахлоқи ҳамидаи инсон, тарбияи фазилатҳои накӯ дар инсон ва ситоишу бузургдошти ақл ҳамчун беҳтарин атои Худованд меистанд. Аммо дар «Ахлоқи Носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ ахлоқ ба ҳайси яке аз бахшҳои ҳикмати амалӣ баррасӣ шуда, сипас масоили ахлоқӣ дар доираи бахшҳои дигари низоми фалсафаи амалии мактаби машшоияи шарқӣ – тадбири манзил ва сиёсати маданӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, Ахлоқ ё тибби рӯҳонӣ, ба он мазмуне, ки Абӯбакри Розӣ таъриф кардааст, танҳо як бахши низоми ахлоқии Насириддини Тӯсиро ташкил медиҳад. Насириддини Тӯсӣ ҳадаф ва вазифаи ахлоқро нисбат ба Абӯбакри Розӣ хеле амиқтар дарк намуда, онро танҳо аз рафъи бемориҳои нафс иборат намедонад, балки ин ҳадафро

дуввумдарача меҳисобад ва ҳадафи асосии онро иборат аз ҳифзи фазилатҳо ва татбиқи амалии онҳо медонад. (с.77-120)

Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ дар даврони мавриди назари мо асосан баҳри тарбияи шахси созанда ва зарурӣ барои ҷомеа равона шуда, маҳз пайгирӣ кардани ин ҳадафҳо дар раванди таълиму тарбияи ахлоқӣ боиси ба вуҷуд омадани шахсиятҳои тавоно дар соҳаҳои мухталифдор ин асрҳо гардид. Мутафаккирон ахлоқшиноси точику форс тарбияи ахлоқиро яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсият ва саодати инсон медонистанд. Ин нуктаро метавонем, дар осори намояндаи дигари илму фарҳангӣ ин замон файласуф ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик Носири Хусрав мушоҳида кард. Файласуф дар  андешаҳои фалсафаи ахлоқии хеш исбот карданӣ мешавад, ки дар раванди инкишоф ва ташаккули шахсият омӯзиши илму дониш ва аз худ намудани арзишҳои волои ахлоқию фарҳанги, маърифатии тамаддунӣ, ки асосан тавассути таълиму тарбияи ахлоқи сурат мегирад, барои инсоният яке аз роҳу усулҳои беҳтарин ба шумор меравад.

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **“Ҳамоҳангӣ ва тафовути осори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ” ном дорад.** Муаллиф дар ин зербоб тафовути осори ин мутафаккиронро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода исбот кардааст, ки осори ахлоқии ин ду мутафакири дар боло зикр гардида, дар аксарият мавридхо аз хамдигар фарк мекунанд. Умуман, Абӯбакри Розӣ дар рисолаҳои фалсафию ахлоқии худ Худовандро бисёр зикр кардааст ва ақлро ҳамчун беҳтарин атои илоҳӣ ба инсон  таъриф додааст, ки тавассути он инсон аз бадиҳо мераҳад ва ба некиҳо мепайвандад. Насириддини Тӯсӣ низ аз ҷониби Худованд ба инсон ато шудани ақлу хирадро таъкид намуда, ин фикри худро на танҳо бо далоили ақлию мантиқӣ, балки, инчунин бо оятҳои қуръонӣ низ асоснок кардааст. Ба ақидаи Абӯбакри Розӣ, ақли инсон табиатан қобилияти эҳсос ва дарки нуқсонҳои ахлоқро дорад. Ӯ ақлро асли аввал меномад  ва чунин мешуморад, ки кӯшиши ислоҳи нафсу ахлоқро ақли инсонӣ дар тинати инсон мегузорад. Чуноне ки мутафаккир мегӯяд: “Асли аввал (ақл) воқеаи кифояткунанда аст. Агар он асли аввал раҳбар шавад, он гоҳ нафс ва

ҳавову ҳавас ислоҳ мешаванд. Дар ин маврид аксарияти амалҳои бади ҳавою ҳавас ба нафси нотиқа мутеъ мешаванд. Дигар, он худ аз амали бад содир кардани шаҳват касро бохабар мекунад. Пас, инсон барои ба даст гирифтани ҳар як амали бад ва нигоҳ доштани онҳо қудрат пайдо мекунад. Дар натиҷа шахс ба он ду омил, яъне нафси наботиву нафси шаҳвонӣ пайваст нашуда, инчунин кору кирдор ва ахлоқи худро тобеи онҳо намесозад. Пас, моро лозим меояд, ки ончи барои ислоҳу хушкирдор шудани ашхос зарурият дорад, дар ин китоб дарҷ намоем. Мо дар баёни чунин зарурият ба Яздони пок (Худованд) такя намуда, гуфторамонро давом медиҳем". Ин ақидаи Абӯбакри Розӣ дар бораи ҷойгоҳи ақл дар ҳаёти инсон ва такомули ахлоқию маънавии ӯ низ ҳамоҳанги таълимоти Насириддини Тӯсӣ мебошад. Гузашта аз ин, Насириддини Тӯсӣ дар такя бо оятҳои қуръонӣ "ашрафулмахлуқот" будани инсонро таъкид намуда, ин ғояро бо далелу бурҳонҳои мантиқӣ асоснок карда, собит месозад, ки сабаби аслии ба чунин мақоми воло дар олами ҳастӣ ноил гардидани инсон ақл ва нафси нотиқа ё нафси сухангӯи худи инсон мебошад. (с.121-133)

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари танқидӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори зиёиёни он давру замон гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва манобеъи миллӣ омода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки кобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну мухтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Абубакри Мирзоахмади Грезода баҳои мусбӣ** дода, ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Азбаски рисола “Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ” ном дорад, дар боби аввал ва зербобҳои як ва дуи он мушаххасан ба осори ахлоқии ин ду мутафаккир таваҷҷӯҳ нагардида доираи васеъи осори Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ мавриди назар қарор гирифтааст. Хуб мебуд, таваҷҷӯҳ хоса ба осори ахлоқии ин ду мутафаккир зоҳир мегардид.
2. Дар рисолаи диссертант Грезода Абубакр андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аз ҳисоби дастгоҳи мақулаҳо (категорияҳо) бештар мавриди муқоиса қарор мегирифтанд. Аз ҷумла категорияҳои ахлоқии дар осори ахлоқии ҳарду мутафаккир “Тибби рӯҳонӣ” ва “Ахлоқи Носирӣ” ҷойдошта қисман сарфи назар гардидаанд.
3. Дар зербоби сеюми боби ду, ки “Ҳамоҳангӣ ва тафовути осори ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ” ном дорад, дар саҳифаи 117 сархати дуюм оиди ифрот (зиёдаравӣ) ва тафрид (камравӣ) ва риояи ҳадди вассат муаллиф як ҳадиси машҳури паёмбари ислом “Хайру-л-умури фи афсатуҳо”-ро нодуруст чунин тарҷума намудааст: “Хуби корҳо дар миёнаравист”, ки дурусташ “Хубии корҳо дар ҳадди мобайн (вассат) аст” .
4. Ҳамчунин дар саҳифаи 126 сархати 2 “Абубакри Тӯсӣ” ба ҷойи Насириддини Тӯсӣ омадааст, ки мазмуни матнро ғалат менамояд. Айнан ҳамин хатогӣ дар саҳифаи 127-и рисола сархати 1 такрор гардидааст.
5. Ҳамчунин хатогиҳои грамматикӣ - техникӣ дар саҳифаҳои 4, 5, 12, 13, 14, 16, 17, 20, 24, 25, 38, 41, 42, 44, 48, 51, 57, 70, 72, 76, 84, 86, 87, 91, 99, 120, 123, 126 ва 131 дучор мешавад.
6. Ҳамчунин дар рисола якчанд маротиба Ибни Мискавайҳ ҳамчун “Муаллими солис” ёдовар мешавад, ки ба ҳамагон маълум аст, ки Насириддини Тӯсӣ дар таърихи илмҳо ин унвонро доро аст.

Камбудиҳои номбурда арзиши илмии рисоларо кам намекунад ва рисолаи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Рисола ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Мудири кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С. Айни,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент Бердиев Ш.П.

Реквизитҳо:
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони А.Рӯдакӣ, 121.
Тел. моб.: +(992) 93 500 85 47
Email: shokhnazar@mail.ru

Имзои номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Бердиев Ш.П. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Д. Қ.

11.01.2021 с.